Замимаи 1
ба қарориҳайатимушовараи
Вазоратимаорифваилми
ҶумҳурииТоҷикистон
аз «29» августи соли 2022, №12/4

# НИЗОМНОМАИ АТТЕСТАТСИЯИ ХАТМИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Низомномаи аттестатсияи хатми донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (минбаъд Низомнома) тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", сархати 3 моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва банди 149 Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018, №306 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, муносибатҳоро вобаста ба тартиби ташкил, таъсиси комиссияи аттестатсионӣ, баргузорӣ ва хатми донишҷӯёнро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣбатанзиммедарорад.

2. Дар Низомномаи мазкур таҷрибаи низоми таҳсилоти олии касбии байналмилалӣ ба назар гирифта шудааст.

3.Аттестатсияи хатм-аттестатсияи ниҳоии давлатии донишҷӯён буда, дараҷаи фарогирии онҳоро ба барномаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи самти ихтисос муайян намуда, мувофиқи натиҷаи он ба хатмкунандагон ҳуҷҷати намунаидавлатии дорои таҳсилоти олии касбӣ дода мешавад.

4.Низомномаи мазкур тартиби аттестатсияи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро барои гирифтани дараҷаи тахассуси «бакалавр» ва «мутахассис» муайян месозад.

5.Кори мустақилонаи ҷамъбасткунандаи хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар зинаи бакалавр ва мутахассис рисолаи хатм ба ҳисоб меёбад.

6.Муассисаи таҳсилоти олии касбие, ки дорои шаҳодатнома оид ба аккредитатсияи давлатӣмебошад,ҳуқуқи гузаронидани аттестатсияи хатмро дорад.

7. Дар аттестатсияи хатм хатмкунанда як ё якчанд имтиҳони давлатӣсупорида, рисолаи хатми худро ҳимоя мекунад. Миқдори имтиҳони давлатӣ, ба ҷойи ҳимояи рисолаи хатм супоридани имтиҳонҳои давлатии иловагиро нақшаи таълимии ихтисосихатмкунанда муайян мекунад.

8.Аттестатсияи хатм баъди пурра азхуд шудани ҳамаи модулҳои (фанҳо, таҷрибаомӯзиҳо, корҳову лоиҳаҳои курсӣ, корҳои илмиву

тадқиқотӣ, тақияи рисолаи хатм ва ғайра) нақшаи таълимии аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда, дар соли ниҳоии таҳсили донишҷӯён гузаронида мешавад.

## 2.ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ АТТЕСТАТСИЯИ ХАТМ

9.Аттестатсияи хатм аз тарафи комиссияи аттестатсияи хатмгузаронида мешавад.

10. Аттестатсияи хатм аз рӯйи фанҳое, ки дар нақшаи таълимии аз тарафи Вазорати маориф ваилми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшудаанд, амалӣ карда мешавад. Номгӯйи фанҳое, ки аз онҳо имтиҳони давлатӣ баргузор карда мешавад, тибқи қарори шурои олимони муассисаи таълимӣ барои ихтисос ва равияҳо (самтҳо) муайян карда мешавад.

11.Саволномаи имтиҳони давлатӣ аз рӯйи барномаи таълимии фанҳои муайяншуда аз ҷониби кафедра тартиб дода шуда, онро раёсати таълим тасдиқ мекунад.

12.Ҷадвали баргузории ҷаласаҳои комиссияҳои аттестатсияи хатм бо дарназардошти миқдори хатмкунандагони аттестатсияшаванда 3 ҳафта қабл аз оғози аттестатсияи хатм бо пешниҳоди декани факултет аз тарафи ректори (директори) муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо фармоиш тасдиқ карда мешавад.

13.Кафедраи тахассусӣсеҳафта пеш аз оғози кори комиссия тавассути почтаи электронӣ нусхаи электронии ҳуҷҷатҳои тасдиқшудаи ихтисос-нақшаи таълимӣ, барномаи таълимии (силлабуси) имтиҳони давлатӣ ва барномаи таълимии (силлабуси) рисолаи хатмро ба раиси комиссияи аттестатсионӣ дастрас менамояд.

## 3. КОМИССИЯИ АТТЕСТАТСИОНИИ ХАТМ

14.Комиссияи аттестатсияи хатм аз раис, аъзои комиссия (на камтар аз 3 нафар) ва котиб иборат мебошад. Дар кори комиссия як нафар аъзои комиссия метавонад намояндаи бозори меҳнат-корманди корхона ё ташкилоти соҳавӣбошад.

15.Раисони комиссияҳои аттестатсионии хатм ҳамасола бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зумраи номзадони илм, докторони илм, академикҳо, мутахассисони вазорату идораҳо ва муассисаҳои соҳавӣ таъйин карда мешаванд.

16.Агар ҳамаи аъзоёни комиссия, аз он ҷумла, раис дорои дараҷаи илмӣ бошанд, комиссияи аттестатсионии хатмро дар зинаи магистратура низ гузаронида метавонад.Дар акси ҳол барои зинаи магистратура комиссияи аттестасионии алоҳида ташкил карда мешавад.

17. Номзадии раисони комиссияҳои аттестатсияи хатм аз захираи кадрии мутахассисони соҳа, ки дар раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ бо пешниҳоди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

ҷамъ оварда шудааст, пешниҳод карда мешаванд.

18. Фармоиш дар бораи тасдиқи раисони комиссияҳои аттестатсияи хатм на камтар аз ду моҳ қабл аз оғози кори комиссия ба тавсиб мерасад. Раисони таъйиншудаи комиссияҳо танҳо ду сол пайи ҳам метавонанд ба ҳайси раис фаъолият намоянд. Дар сурати зарурат онҳо метавонанд баъди 2 сол боз ба ҳайси раиси комиссия таъйин шаванд.

19. Аъзои комиссияҳои аттестатсионии хатм аз ҳисоби мутахассисони соҳа, омӯзгорон (ба истиснои ассистентон, номзадони илм, докторони илм, ки дар ҳамин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё дигар муассисаҳо кору фаъолият мекунанд,) бо фармоиши ректор (директор) таъйин карда мешаванд. Котиби комиссия аз ҳисоби кормандон ва омӯзгорони кафедраҳои тахассусӣ таъйин карда мешаванд.

20. Фармоиш дар бораи тасдиқи аъзои комиссияиаттестатсияи хатм ва котибони он на камтар аз як моҳ то оғози кори комиссия бояд ба тавсиб расад.

21. Намояндаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (декани факултет ё яке аз муовинони декани факултет) дар аттестатсияи хатм фаъолона иштирок мекунад, аммо аъзои комиссияи аттестатсионии хатм шуда наметавонад.

22. Назорати умумии раванди аттестатсионии хатм нисбат ба хатмкунандагони зинаи магистратура ба уҳдаи муовини ректор (директор) оид ба илм ва нисбати хатмкунандагони бакалавр бошад ба уҳдаи муовини ректор (директор) оид ба таълим вогузор карда мешавад.

23.Комиссияи аттестатсионии хатм дар муҳлатҳое, ки дар нақшаи таълимии аз тарафи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда муайян шудааст, фаъолият мекунанд.

24.Кори комиссияи аттестатсионии хатм дар ҳамаи зинаву шаклҳои таҳсилот ба истиснои магистратура дар як рӯз набояд аз 6 соат ва шумораи хатмкунандагоне, ки аз аттестатсияи хатм мегузаранд, набояд аз 12 нафар зиёд бошанд.

25. Дар зинаи магистратура бошад, шумораи хатмкунандагоне, ки аз аттестатсияи хатм мегузаранд, дар як рӯз набояд аз 8 нафар зиёд бошад.

26. Қабули аттестатсияи хатм бо шумораи хатмкунандагони аз меъёри муайяншуда зиёдро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

27.Ваколатҳои раиси комиссияи аттестатсиониихатм:

– шиносоӣ бо талаботи Низомномаи мазкур;

– баҳогузорӣ ва ҷамъбасти баҳои аъзои комиссияи аттестатсионии хатм ба омодагии назариявӣ ва амалӣ, малака ва маҳорати касбии хатмкунандагон;

– ба хатмкунандагон додани дараҷаи тахассус ва дипломи намунаи давлатӣ мувофиқ ба азхудкунии дониш ва қобилияти касбии онҳо;

– тавсия намудани хатмкунандагони болаёқат ва дорои дастоварду натиҷаҳои назарасбарои идомаи таҳсил дар зинаи магистратура ва докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD) тибқи тахассус;

– омода намудани ҳисобот оид ба фаъолияти комиссияи аттестатсионии хатм, нишон додани камбудиву норасоиҳо ва роҳҳои бартараф намудани онҳо, пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати паҳн кардани таҷрибаи пешқадам;

– пешниҳоди ҳисобот барои муҳокима ва тасдиқ ба шӯрои олимони факултет.

## 4. РАВАНДИ АТТЕСТАТСИЯИ ХАТМ

28.Аттестатсияи хатм (имтиҳони давлатӣва ҳимояи рисолаҳои хатм) шифоҳӣбаргузор мегардад. Иштироки ҳамаи аъзоёни комиссияи аттестатсионии хатм ҳатмист. Дар сурати зарурӣ як қисми аъзои комиссия метавонанд дар ҷаласаҳои комиссия ба таври онлайн иштирок намоянд.

29.Хатмкунандагон метавонанд бо истифода аз технологияи муосир дар вақти ҳимояи рисолаи хатм натиҷаи асосии кори худро муаррифӣ намоянд.

30.Ба аттестатсияи хатм донишҷӯёне роҳ дода мешаванд, ки талаботи нақша ва барномаҳои таълимиро пурра иҷро намудаанд. Рӯйхати чунин хатмкунандагон аз тарафи декани факултет омода шуда, дуҳафта пеш аз оғози аттестатсияи хатм бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда мешавад.

31.Ба комиссияи аттестатсионии хатм аз тарафи садорати факултет барои ҳар як хатмкунанда ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

– маълумотномаи академии хатмкунанда ё транскрипт;

– рисолаи хатми муқовабандӣ кардашуда бо ҳамаи имзоҳои зарурӣ;

– хулосаи роҳбари рисолаи хатм;

– тақризи муқарризони рисолаи хатм;

– нусхаи фармоиш оид ба роҳ додан ба аттестатсияи хатм.

32.Муқарризони рисолаҳои хатм аз тарафи декани факултет бо пешниҳоди мудирони кафедраҳо таъйин карда мешаванд.

33.Комиссияи аттестатсионии хатм бо иштироки на кам аз 3 нафари аъзоён гузаронида мешавад.

34.Вақти қабули аттестатсияи хатми як хатмкунандаи бакалавр ва мутахассиси зинаи таҳсилоти олии касбӣ (ба истиснои магистратура) барои супоридани имтиҳони давлатӣ ва ҳимояи рисолаи хатм то 30 дақиқа вақт ҷудо карда мешавад. Ба хатмкунанда барои баёни маърӯзаи омодакардааш нисбат ба натиҷаи рисолаи хатм то 15 дақиқа вақт дода мешавад.

35.Дар зинаи магистратура бошад, барои қабули аттестатсияи

хатми як хатмкунанда то 45 дақиқа вақт ҷудо карда мешавад.

36.Натиҷаи аттестатсияи хатм дар рӯзи баргузории аттестатсия баъди омода (пур) кардани протоколи ҷаласаи комиссия аз тарафи раиси комиссия эълон карда мешавад.

37.Дар ҳолати норозӣ будан аз баҳои гузоштташудаи комиссия хатмкунанда метавонад ба таври шифоҳӣ ба раиси комиссия муроҷиат намояд. Дар рӯзи баргузории аттестатсияи хатм раиси комиссия ҳуқуқ дорад бо хатмкунанда тариқи суҳбат саволу ҷавоб кунад. Баъди ҷавобҳои дурусту саҳеҳ баҳои гузоштташуда метавонад иваз карда шавад.

38.Натиҷаи аттестатсияи хатм дар шакли анъанавии таҳсилот бо баҳоҳои «аъло», «хуб», «қаноатбахш» ва «ғайриқаноатбахш» ифода меёбад. Ба хатмкунандагоне, ки на камтар аз 75% имтиҳонҳои ҷориро бо баҳои «аъло» ва боқимондаро бо баҳои «хуб» супорида, рисолаи хатм ва имтиҳон(ҳо)и давлатиро бо баҳои «аъло» ҷамъбаст менамоянд, «дипломи аъло» дода мешавад.

39.Натиҷаи аттестатсияи хатм дар зинаҳои таҳсилоти бисёрзинагӣ-бакалавриат ва магистратура бо баҳоҳои A, A-, B+, B, B-, C+, C, C-, D+, D ифода меёбад. Ба хатмкунандагоне, ки на камтар аз 75% имтиҳонҳои ҷориро бо баҳои A (A, A-ё ба онҳо эквивалент) ва боқимондаро бо баҳои B (B+, B, B- ё ба онҳо эквивалент) супорида, рисолаи хатм ва имтиҳон (ҳо)-и давлатиро бо баҳои Aҷамъбаст менамоянд, «дипломи аъло» дода мешавад.

40.Ба хатмкунандае, ки дар давоми таҳсил имтиҳони як ё якчанд фанро бо сарбории умумии аз 18 кредит ё 432 соат зиёд такроран супоридааст ё баҳояшро иваз намудааст, новобаста аз натиҷаҳо “дипломи аъло” дода намешавад.

41.Хатмкунандагоне, ки дар яке аз марҳилаҳои аттестатсияи хатм баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтаанд, ҳуқуқи иштирок дар боқимонда марҳилаҳои аттестатсияи хатмро аз даст намедиҳанд.

42.Дар сурати ғайриқаноатбахш баҳогузорӣ кардани ҳимояи рисолаи хатм ё бесабабҳозир нашудани хатмкунанда ба ҳимояи рисолаи хатм комиссияи аттестатсияи хатм барои хориҷ намудани хатмкунанда аз муассисаи таълимӣ бе нигоҳдошти номи мавзуъ ва роҳбари рисолаи хатм ба раёсат пешниҳод менамояд ва ин дар фармоиши ректори (директори) муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба хориҷи хатмкунанда инъикос карда мешавад. Дар ин ҳолат баъди барқароршавӣ хатмкунанда дар семестри охирон пурра таҳсил мекунад.

43.Дар ҳолати босабаб ҳозир нашудани хатмкунанда ба ҳимояи рисолаи хатм, дар мавриди пешниҳоди маълумотномаи тиббӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда дар давоми 3 рӯзи баъди рӯзи ҳимоя бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таълимӣ бо нигоҳдошти номи мавзуъ ва роҳбари рисолаи хатм танҳо аттестатсияи хатм ба соли дигар гузаронида мешавад.

44.Хатмкунандагоне, ки рисолаи хатмашонро ҳимоя накардаанд ва ё аз имтиҳони давлатӣ нагузаштаанд, дар муддати то панҷ соли баъди хориҷ шудан ба аттестатсияи хатм роҳ дода мешаванд. Баъди гузаштани муҳлати панҷ сол хатмкунандагон бо иҷозати мақомоти ваколатдор дар соҳаи маориф ба курси мувофиқ барқарор карда мешаванд.

45.Дар мавриди пур кардани замимаи диплом, агар хатмкунанда аз як фан якчанд баҳо дошта бошад, баҳои имтиҳони охирини ӯ ба ҳисоб гирифта мешавад.

46.Ба хатмкунандагоне, ки дар имтиҳони давлатӣ ё ҳимояи рисолаи хатм баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтаанд, ба ҷойи диплом маълумотнома дар бораи таҳсил ва маълумотномаи академӣ дода мешавад.

47.Ба хатмкунандагон дар ҷаласаи комиссияи аттестатсионии хатм бо таври кушода мувофиқи овозҳои аъзои комиссия баҳо гузошта мешавад. Дарсурати баробар будани овозҳо, овози раиси комиссияи аттестатсионии хатм ҳалкунанда ҳисобида мешавад.

48.Ба хатмкунандагоне, ки аз аттестатсияи хатм гузаштаанд, дар асоси қарорҳои комиссияи аттестатсионии хатм бо фармоиши ректор (директор) дараҷаи тахассус, диплом ва нишони сарисинагӣ дода мешавад. Танҳо зимни гирифтани дипломҳои такрорӣ ба дипломҳои хатмкунандагон ба ҷойи раиси комиссияи аттестатсионии хатм дар асоси қарори шӯро метавонад ноиби ректор оид ба корҳои таълимию методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ имзо намояд.

49.Барои ҳар як ҷаласаи комиссияи аттестатсионии хатм нисбат ба ҳар як хатмкунанда протоколҳо (замимаҳои 1 ва 2) тартиб дода шуда, дар онҳо раис ва аъзои комиссияиаттестатсионии хатм имзо мегузоранд. Протоколҳо дар китоби баставу муҳрзада муқовабандӣ шуда, пур карда мешаванд.

50.Баъд аз ба анҷом расидани кори комиссияи аттестатсияи хатм раисони комиссия ҳисобот оид ба фаъолияташонро таҳия менамоянд. Дар ҳисоботи таҳияшудаи раиси комиссия бояд масъалаҳои зерин инъикос ёбанд:

– омодагии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, факултет ва кафедраҳо барои гузаронидани аттестатсияи хатм;

– тавсифи мундариҷа ва шакли барномаҳои таълимии аттестатсияи хатм, саволномаҳо, билетҳо ва мувофиқати онҳо бо барномаи таҳсилотӣ;

– таҳлили савияи илмӣ ва назариявию амалии хатмкунандагон аз рӯйи ихтисос ва мувофиқати онҳо ба вазифаҳое, ки аз сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф бармеоянд;

– тавсифи мавзӯи рисолаҳои хатм, сифати амалан ба анҷом расонидан ва хусусияти назариявӣ-амалии онҳо;

– таҳлил ва баҳодиҳӣ ба сифати донишу малака ва сатҳи салоҳияти соҳибшудаи хатмкунандагон;

– пешниҳоди хатмкунандагон барои идомаи таҳсил дар зинаи

навбатии таҳсилот;

– пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати паҳн намудани таҷрибаи пешқадам;

– дар заминаи камбудию норасоиҳои бавуҷудомада хулоса ва пешниҳод барои беҳтар шудани аттестатсияи хатм.

1. Ба ҳисобот натиҷаҳои зерин ба шакли ҷадвалҳо бояд замима гарданд:

a) Натиҷаи имтиҳонҳои давлатӣ дар шакли ҷадвали 1. Барои ҳар як имтиҳони давлатӣ дар ҷадвали алоҳида.

b) Натиҷаи ҳимояи рисолаҳои хатм дар шакли ҷадвали 2.

**Ҷадвали 1**

| | |
|---|---|
| Рамзваномиихтисос | |
| Шумораихатмкунандагон,нафар | |
| Шумораиииштирокнадоштагиҳо, нафар | |

| Ифодаи ҳуруфии баҳо | Ифодаи ададиибаҳо | Ифодаи анъанавиибаҳо | Шумораи хатмкунандагони чунин баҳо гирифта |
|---|---|---|---|
| A | 4,0 | Аъло | |
| A- | 3,67 | | |
| B+ | 3,33 | Хуб | |
| B | 3,0 | | |
| B- | 2,67 | | |
| C+ | 2,33 | Қаноатбахш | |
| C | 2,0 | | |
| C- | 1,67 | | |
| D+ | 1,33 | | |
| D | 1,0 | | |
| Fx | 0 | Ғайриқаноатбахш | |
| F | 0 | | |

**Ҷадвали 2**

| | Рамзваномиихтисос | Шумораихатмкунандагон | | | Шумораихатмкунандагонииштирок надошта | | | Шумораитавсияшудагонба зинаи | | Шумораитавсияшудагон ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Бакалавриат | Мутахассис | Магистратура | Бакалавриат | Мутахассис | Магистратура | Магистратура | ДокторPhD | Дипломиаъло | Дипломимуқаррарӣ |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |

51.Ҳисоботи раиси комиссияи аттестатсионии хатм баъди ба итмомрасии аттестатсияи хатм омода шуда, дар давоми 3 рӯз дар ҷаласаи навбатӣ ё ғайринавбатии шӯрои олимони факултет бо иштироки бевоситаи раиси комиссияи аттестатсияи хатм муҳокима ва тасдиқ мешавад.

52.Маълумотномаи таҳлилии фаъолияти комиссияҳои аттестатсияи хатм аз ҷониби воҳидҳои сохтории раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки ба таълим ва илм вобастаанд, таҳия гардида, дар муддати ду ҳафта баъди интиҳои давраи аттестатсия ба таври хаттӣ ва электронӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Замимаи 1

**ВАЗОРАТИМАОРИФВАИЛМИҶУМҲУРИИТОҶИКИСТОН НОМИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ**

**ПРОТОКОЛИ№ ____**

ҷаласаикомиссияиаттестатсияихатм
оид ба қабули имтиҳонидавлатӣ

"___"_______ соли 20___ ш._______________

аз фан (ҳо)-и
____________________________________________________________

Иштирок намуданд:

Раис ____________________________________________________________
(унвон,номунасаб)

Аъзоён __________________________________________________________
(унвон,номунасаб)

____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________

хатмкунанда______________________________________________________
(ному насаб)

Рамзваноми ихтисос
____________________________________________________________

Зинаи таҳсилот
____________________________________________________________

Саволҳои билет

1.
____________________________________________________________

2.
____________________________________________________________

3.
____________________________________________________________

4.
____________________________________________________________

Саволҳоииловагӣ 1.
____________________________________________________________

____________________________________________________________

2.
____________________________________________________________

____________________________________________________________

Тавсифи умумии ҷавоби донишҷӯй ба саволҳо:
____________________________________________________________
____________________________________________________________

________________________________________________________________
________________________________________________________________

**Қарори комиссияи аттестатсияи хатм:**

Баҳои донишҷӯй аз имтиҳони давлатӣ _____________ ҳисобида шавад.

Хулосаҳои махсуси аъзоёни комиссияи аттестатсияихатм ________
________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

Раис__________________________ ____________
(ному насаб) (имзо)

Аъзоёи ______________________ ________________
(ному насаб) (имзо)

_____________________ __________________
_____________________ __________________
_____________________ __________________
_____________________ __________________
_____________________ __________________
_____________________ __________________
_____________________ __________________

Котиб ___________________________________________________________
(номунасаб, имзо)

Замимаи 2

**ВАЗОРАТИМАОРИФВАИЛМИҶУМҲУРИИТОҶИКИСТОН
НОМИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ**

**ПРОТОКОЛИ№ ____**
ҷаласаикомиссияиаттестатсияихатм
оид ба ҳимояи рисолаихатм
“___”_________ соли 20___ ш.________________

Иштирок намуданд:
Раис ________________________________________________________
(унвон,номунасаб)
Аъзоён ______________________________________________________
(унвон,номунасаб)
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

хатмкунанда___________________________________________________
(ному насаб)
Рамҳ ва номи ихтисос __________________________________________
______________________________________________________________
Зинаи таҳсилот
______________________________________________________________
Мавзӯи рисола:
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

Роҳбари илмӣ:
______________________________________________________

**Маводи ба комиссия пешниҳод кардашуда:**
1. Маълумотномаи академӣ / транскрипт_________________________
(факултет, маркази бақайдгирӣ)
__________________________________ аз «___»__________ с.20____
Дар муддати таҳсил аз тарафи хатмкунанда _____ имтиҳон ва ______ санҷишҳо мутобиқ ба нақшаи таълимӣ супорида шудааст.
2. Рисолаи хатми муқовабандӣ шуда дар_____ саҳифа
3. Замимаҳоирисола: ______________________________________
(нақшаҳо, макетҳо, барномаҳо ва ба монанди инҳо)
3. Хулосаи роҳбар
4. Тақризи
______________________________________________________________
5. Маводи иловагӣ____________________________________________

Баъд аз баёни маърӯза нисбат барисолаи хатм ба хатмкунанда саволҳои зериндода шуд:

1. ________________________________________________

(номунасабишахсисаволдиҳандавамазмунисавол)

________________________________________________

2. ________________________________________________

________________________________________________

3. ________________________________________________

________________________________________________

**Қарорикомиссияиаттестатсияихатм**

1. Ҳисобида шавад, ки хатмкунанда____________________рисолаи хатмро бо баҳои _______ҳимоя намуд.

2. Ба

________________________________________________

(номунасабихатмкунанда)

дараҷаи________________________________________________

тахассуси

________________________________________________

(бакалавр/мутхассис)

аз рӯйи ихтисоси ________________________________________________

________________________________________________додашавад.

Дипломи________________________________________________

(муқаррарӣ, аъло)

Қайд карда шуд,ки________________________________________________

________________________________________________

________________________________________________

Раиси КАХ _ ________________

(ному насаб) (имзо)

Аъзои КАХ ________________________ ________________

(ному насаб) (имзо)

________________________ ________________

________________________ ________________

________________________ ________________

________________________ ________________

Котиб

________________________________________________

(номунасаб, имзо)